**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-002-и назди**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Ҷаборов Диловар Абдуқаҳорович дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии инҳисори табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи граждани; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст**

**Мубрам будани мавзӯи диссертатсия.** Дар иқтисодиёти бозоргонӣ роҳи самараноки рушди иқтисодиёт муносибатҳои рақобатнок мебошад. Аммо бо назардошти шумораи зиёди омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ рақобати мукаммал ҳолати воқеии бозорро ифода карда наметавонад. Дар баробари ин амалишавии як қатор соҳаҳои истеҳсолоти ҷамъиятӣ дар шароити рақобатнок номумкин ва ё самаранок намебошад, ки барои ин соҳаҳои табиӣ сатҳи баланди инҳисор зарур аст.

Дар замони муосир инҳисори табиӣ бо маҷмӯи соҳаҳои худ тамоми мамлакатро муттаҳид менамояд ва ҳатто мисли хатҳои интиқоли барқ берун аз доираи он мебароянд. Субъекҳои инҳисори табиӣ ба ташкил ва нигоҳдории фазои ягонаи иқтисодии ҶТ мусоидат мекунанд. Дар шароити талаботи пасти пардохтпазирӣ, норасоии маблағҳои пулӣ, болоравии нархҳо ба хизматрасонӣ инҳисори табиӣ дар ҶТ боиси он мегардад, ки ҳаҷми истеҳсолот дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёти мамлакат зиёд гардида, сарчашмаи болороварии қурби асъор мегардад.

Муаллиф дуруст ишора мекунад, ки мушкилоти таҷдиди сохтор ва ислоҳоти инҳисори табиӣ воқеан ба таркиби инфрасохторӣ алоқаманд мебошад. Дар таркиби инфрасохтор бештар инҳисори табииро метавон

аз рӯйи унсурҳои табиӣ зерин ҷудо намуд: Аввалан, инҳо шабакаҳои интиқоливу нақлиётӣ мебошанд, ки тавассути онҳо маҳсулот ба истеъмолкунанда расонида мешавад (релсҳо, қубурҳо, хатҳо, интиқоли барқ ва ғайра). Дуюм, амалиёт ё дигар фаъолиятҳои мушаххас барои кори ин шабакаҳо (операторони система, банақшагирӣ ва ғайра). Сеюм, бозорҳое, ки дар онҳо ҳамоҳангсозии пешниҳод ва талабот ба хизматрасонии шабакаи инфрасохторӣ ба амал баровarda мешавад. Чорум, воқеан истеҳсоли мол ва хизматрасонӣ аз ҷониби корхонаҳое, ки ҷузъи инҳисори табиӣ мебошанд, амалӣ мегардад.

Муаллиф ба пуррагӣ тавонистааст, ки дар доираи 2 боб ва 6 зербоб моҳияти мавзӯи таҳқиқоти диссертатсиониро баррасӣ кунад.

Дар боби якуми диссертатсия «Тавсифоти ҳуқуқии инҳисори табиӣ» масъалаҳои маҳфуми инҳисори табиӣ чун зуҳуроти иқтисодӣ-ҳуқуқӣ, мафҳум ва вижагиҳои мақоми ҳуқуқии субъектҳои инҳисори табиӣ ташаккул ва рушди қонунгузорӣ дар бораи инҳисори табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зери таҳлил қарор дода шудааст.

Дар зербоби аввал боби якуми диссертатсияи муаллиф таҳлили мафҳуми инҳисории табии ҳамчун зуҳуроти иқтисодӣ-ҳуқуқӣ гузарондааст. Ӯ қайд менамояд, ки дар замони муосир инҳисорҳои табиӣ бо шабакаҳои худ тамоми мамлакатро муттаҳид менамоянд. Субъектҳои инҳисорҳои табиӣ ба ташкил ва нигоҳдории фазои ягонаи иқтисодии ҶТ мусоидат мекунанд. Инҳисорҳо ба некӯаҳволии иқтисодиёти мамлакат метавонанд ҳам меъёри мусбӣ ва ҳам таъсири манфӣ расонанд. Бинобар ин, таҳқиқи онҳо ва маҳз омӯзиши ин омилҳо, ки дар онҳо базаи қонунгузорие, ки таъсири инҳисорҳоро ба танзим медорораду он идеалӣ нест, аҳамият дорад.

Дар зербоби дуюм муаллиф масъалаи мафҳум ва вижагиҳои мақоми ҳуқуқии субъектҳои инҳисори табииро зери таҳлил қарор додааст. Муаллифи диссертатсия қайд менамояд, ки танзими ҳуқуқии инҳисорҳои табиӣ, пеш аз ҳама, тавассути танзими фаъолияти субъектҳои онҳо амалӣ мегардад. Бинобар ин, дар доираи таҳқиқи механизми танзими

ҳуқуқии инҳисорҳои табиӣ муайян намудани мавқеи субъектҳои инҳисорҳои табиӣ, ки ошкор кардани вижагиҳои мақоми ҳуқуқии онҳо, муқаррар намудани аломатҳои хосе, ки инҳисорчиёни табииро аз субъектҳои дигари хоҷагидорӣ фарқ мекунанд, зарур аст.

Дар зербоби сеюми муаллиф масъалаи ташаккул ва рушди қонунгузорӣ дар бораи инҳисорҳои табиӣ дар ҶТ-ро таҳлил намудааст. Аз ҷониби унвонҷӯ қайд карда мешавад, ки қонунгузории ҶТ дар бораи инҳисорҳои табиӣ чун низоми санадҳо дар навбати аввал бо Контитутсияи ҶТ асос меёбад. Аз байни санадҳое, ки инҳисорҳои табииро ба танзим медароранд, Қонуни ҶТ-ро «Дар бораи инҳисорҳои табиӣ» ном бурдан зарур аст, ки он қоидаҳои принсипиалии танзими давлатӣ ва назорат аз болои инҳисорҳои табиӣ, номгӯи соҳаҳои инҳисорҳои табиӣ, ухдадориҳои асосии субъекти инҳисорҳои табиӣ, методҳои танзими давлатӣ ваколатҳои мақомотҳои танзимкунанда ва ғайраро мустаҳкам менамояд.

Дар боби дуюми диссертатсия, ки «Фаъолияти субъектони инҳисори табиӣ дар соҳаи танзими ҳуқуқи хусусӣ» ном дорад, муаллиф масъалаҳои асосҳои молумулкии фаъолияти субъектҳои инҳисори табиӣ, вижагиҳои муносибатҳои шартномавӣ бо иштироки субъектҳои инҳисори табиӣ ва масъулияти шаҳрвандӣ-ҳуқуқии субъектҳои инҳисори табииро таҳлил намудааст.

Дар зербоби якуми боби дуюм муаллиф асосҳои молумулкии фаъолияти субъектони инҳисории табииро баррасӣ намудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки танзими фаъолияти субъектҳои инҳисорҳои табиӣ ва самаранокии он бо шаклҳои ҳуқуқии ташкили молумулк чун асосҳои амали агентҳои иқтисодӣ алоқаи зич доранд. Мустақилияти молумулкии инҳисорҳои табиӣ аломати асосгузории ҷавобгарии иқтисодии онҳо чун субъектҳои хоҷагидорӣ мебошад.

Дар зербоби дуюм муаллиф ба таҳлили вижагиҳои муносибатҳои шартномавӣ бо иштироки субъектҳои инҳисорҳои табииро мавриди таҳлил қарор додааст. Муаллиф қайд менамояд, ки субъектҳои

инҳисорҳои табиӣ, чун шахсони ҳуқуқӣ, субъектҳои ҳуқуқи шаҳрвандӣ мебошанд. Яке аз тарзҳои асосии муқаррар намудани ҳуқуқу уҳдадориҳои шаҳрвандӣ шартнома мебошад. Муносибатҳои шартномавӣ, ки инҳисорчиёни табиӣ иштирокчиёни онҳо ҳисоб меёбанд, баъзе вижагиҳо доранд. Яке аз вижагиҳои муҳим дар он аст, ки озодии шартнома (м. 3 КГ ҶТ) ба созишномаҳое, ки яке аз тарафҳои он субъектҳои инҳисорҳои табиӣ мебошанд, паҳн намегардад. Принсипи умумии озодии шартнома мутлақ нест. Нисбати иштирокчиёни инҳисории табиӣ маҳдудиятҳои қонунгузории истифодаи он муқаррар шудаанд.

Дар зербоби сеюм боби дуввум муаллиф қайд менамояд, ки барои вайрон кардани қонунгузорӣ дар бораи инҳисорҳои табиӣ ҷавобгарии гражданӣ-ҳуқуқӣ пешбинӣ шудааст. Бо мақсади пешгирӣ намудани вайронкунии қонунгузорӣ дар бораи инҳисорҳои табиӣ мақомотҳои танзимкунанда ҳуқуқ доранд, ки чораҳои махсусро аз қабили қабули қарор ва дар асоси он баровардани амрнома истифода баранд. Инчунин, ба сифати яке аз намудҳои таъсиррасонӣ ба субъектҳои инҳисорҳои табиӣ назорат аз болои амалҳои он аз тарафи мақомотҳои ваколатдор номбар карда мешавад. Объекти назорат, аз ҷумла, додугирифте мебошад, ки дар қонун дар бораи инҳисорҳои табиӣ дарҷ ёфтааст.

Хулоса аз рӯйи натиҷаҳои ҷамъбастии таҷрибаи судӣ бароварда шуд. Аз рӯйи маълумоти мутахассисони мақомотҳои зиддиинҳисорӣ, аксари аризаҳо дар бобати чунин вайронкунии қонунгузорӣ дар бораи рақобатнокӣ, мисли сӯиистифода аз мавқеи бартарияти худ, ки ба бозорҳои қувваи барқу гармидиҳӣ, газ, нефт ва маҳсулоти нефтӣ, хизматрасониҳои роҳи оҳан, нақлиёти ҳавоӣ ва фурудгоҳҳо, алоқа, яъне соҳаҳое, ки дар онҳо субъектҳои инҳисорҳои табиӣ амал мекунанд, мансубанд.

Таҳлили диссертатсия, ақидаҳо, нуктаҳои илмӣ, хулосаҳо, мафҳумҳои илмӣ, проблемаҳои қонунгузорӣ, ки аз тарафи муаллиф пешкаш шудаанд, инчунин таҳлили танқидии ақидаҳои дар илм

ҷойдошта, муайян намудани мавқеи мустақили хеш, асоснокқунии нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳо бо истифода аз доираи кофии маводҳои илмӣ ва таҷрибаи амалӣ аз он дарак медиҳад, ки таҳқиқоти мазкур мустақилона навишта шудааст.

Ҳамчунин муҳтавои алоҳидаи диссертатсияро дар корҳои илмии минбаъда, ки ба масъалаҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ марбутанд истифода бурдан мумкин аст. Ин диссертатсия ҳангоми тадриси фанни «Ҳуқуқи соҳибкорӣ» ва курси махсуси «Ҳуқуқи рақобат» дар факултетҳои ҳуқуқшиносии макотиби олӣ метавонад мавриди корбурд қарор дода шавад.

**Дар баробари ҷанбаҳои зиёди мусбат доштани таҳқиқоти унвонҷӯ баъзе масъалаҳои баҳснок ба мушоҳида мерасад.** Бо назардошти андешаҳои боло баъзе эродҳо ба мазмун ва шакли диссертатсия ва авторефреат пешниҳод мешаванд:

1. Яке аз масъалаҳои муҳими асосии танзими ҳуқуқии инҳисороти табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин муайян намудани соҳаи фаъолияти субъектҳои инҳисороти табиӣ мебошад. Махсусан дар моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи инҳисороти табиӣ» ин соҳаҳо муқаррар гардидааст. Муаллифи диссертатсия ҳар чанде, ки ба ин масъалаҳо таваҷҷуҳ намуда бошад ҳам, аммо пешниҳодҳои заруриро оид ба кам ё зиёд намудани соҳаи фаъолияти субъектҳои инҳисороти табиӣ дар диссератсия ҷой надодааст.

2. Муаллиф дар таҳқиқоти диссертатсонии худ масоили инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба инҳисори табииро асосан дар давраи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ намудааст. Мувофиқи мақсад мебуд, ки унвонҷӯ дар таҳқиқот ба паҳлуҳои таърихӣ-ҳуқуқии танзими ҳуқуқии инҳисори табиӣ таваҷҷуҳ намуда, ин масъаларо пурратар мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор медод.

3. Дар таҳқиқоти диссертатсони хуб мешуд, ки муаллиф масъалаи таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии инҳисороти табииро дар мамлакатҳои хориҷӣ дар алоҳидагӣ ба таври пурра баррасӣ менамуд.

**Албатта, камбудиҳои зикршуда сифати таҳқиқоти диссертатсионии тақризшавандаро паст наменамоянд ва баҳои мусбати диссертатсияро тағйир намедиҳанд.** Хулосаҳои пешниҳодгардидаи Ҷаборов Диловар Абдуқаҳорович мантиқан дуруст ва илман асоснок буда, бешубҳа, натиҷаҳои таҳқиқоти илмии тақризшаванда аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ доранд ва метавонанд дар фаъолияти илмӣ ва раванди таълим истифода гарданд.

Умуман диссертатсияи Ҷаборов Диловар Абдуқаҳорович ба талаботи банди 10-16-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, таҳқиқоти илмӣ тахассусие мебошад, ки барои рушди илми ҳуқуқи соҳибкорӣ аҳаммият назаррас доранд, зеро натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф барои рушди илми ҳуқуқи соҳибкорӣ ва соҳаҳои дигар мусоидат карда, боис он мегарданд, ки яке аз падидаҳои муҳимми илми ҳуқуқи соҳибкорӣ такмил ёбад. Хулоса, пешниҳодоти дар диссертатсия манзургардида барои рушди қонунгузорӣ, фаъолияти мақомоти дахлдори давлатӣ ва такмили соҳа аҳаммияти муҳим доранд. Ҳамзамон, онҳо метавонанд, ҳангоми таҳия ва татбиқи барнома, стратегия ва консепсияҳои давлатӣ истифода шаванд. Маводи диссертатсия ҳангоми тадриси фанни таълимии ҳуқуқи соҳибкорӣ ҳангоми иҷрои корҳои мустақилона, навиштани рисолаҳои дипломӣ, магистрӣ, диссертатсияҳо метавонад ба таври васеъ мавриди истифода қарор дода шаванд.

Дар умум Ҷаборов Диловар Абдуқаҳорович сазовори дарёфтаи дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03. – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад. Бояд иброз намуд, ки тақризи мазкур бо дарназардошти бандҳои 74-75-и «Низомномаи намунавӣ оид ба

Шӯрои диссертатсионӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, № 505 қабул шудааст, омода ва пешниҳод гардидааст.

**Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ**
**ва ҳуқуқшиносии муқоисавии Донишгоҳи**
**(Славянии) Россия-Тоҷикистон** **Пулатов А.С.**

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе, кӯчаи МирзоТурсунзода, 30. Тел.: (+992 237) 221-35-50.
E-mail: pektora@mail.ru

**«Имзои Пулатов А.С.-ро тасдиқ мекунам»**
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон** **Алиев А.Ҷ.**

МЕЖГОСУДАРСТВЕННОЕ ОБРАЗОВАТЕЛЬНОЕ УЧРЕЖДЕНИЕ ВЫСШЕГО ОБРАЗОВАНИЯ РОССИЙСКО-ТАДЖИКСКИЙ (СЛАВЯНСКИЙ) УНИВЕРСИТЕТ
ОТДЕЛ КАДРОВ